**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсент _______________Хайрзода Ш.Қ.
«_____»__________________соли 2021

# ТАҚРИЗИ

муассисаи тақриздиҳнда, кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба диссертатсияи Бобохонзода Раҷабалӣ Хайрулло дар мавзӯи «Мукаммалгардонии механизми ҳифзи бозори дохилӣ дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.14 – Иқтисодиёти ҷаҳон, ки ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17) пешниҳод шудааст.

1. **Муҳимияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Ҷаҳони муосир бо имкониятҳо ва хавфҳояш, афзоиши ноустуворӣ ба танзими глобалии институтсионалӣ, пеш аз ҳама, дар соҳаи молия ва савдо ниёз дорад, ки дар он на танҳо ҷилавгирӣ аз зарари баъзе кишварҳо ба кишварҳои дигар, балки рафъи тамоюли амиқтар шудани тафовут дар рушди иқтисодӣ миёни ҷаҳони мутараққӣ ва қафомонда мебошад. Дар ҳалли ин мушкилотҳо Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) саҳми мусбат ва нақши калон дорад.

Проблемаи асосӣ дар ин маврид ҳалли механизми танзими давлатии истеҳсолоти кишоварзӣ, таъмини самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва кофӣ будани онҳо барои таъмини ҳаёти иқтисодӣ бо назардошти талаботи СУС мебошад. Ворид шудани кишвар ба СУС ниёз ба таҳқиқоти амиқ дар соҳаи рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидорӣ ва эҷоди парадигмаи нави рушди иқтисодиёти минтақаро талаб мекунад.

Омӯзиши масъалаи узвият ба СУС баррасии муфассали ин равандро тақозо мекунад, ки он, тавре таҷрибаи кишварҳои ҳамроҳшуда нишон медиҳад, ҳам аз ҷиҳати моҳият ва ҳам аз ҷиҳати расмиёт хеле мураккаб ва зиддиятнок аст. Вобаста ба ин, ҳар як кишвари ҳамроҳшуда бояд мундариҷа ва хусусиятҳои татбиқи созишномаҳои дар доираи СУС амалкардаро ҳамаҷониба омӯхта, механизми фаъолияти ин созмон ва ҳуқуқу ухдадориҳоеро, ки узвият ба он медиҳад, мавриди омӯзиш қарор диҳад.

Айни замон баҳс дар атрофи он аст, ки воридшавӣ ба СУС ба истеҳсолот, шуғл ва музди меҳнат дар корхонаҳои миллӣ чӣ таъсир хоҳад дошт? Баъзе коршиносон воридшавӣ ба СУС-ро бо коҳиши назарраси муваққатӣ ва тавлиди оқибатҳои минбаъдаи иҷтимоӣ овардан ташбеҳ медиҳанд.

Гуфтаҳои боло нишон медиҳанд, ки муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда комилан асосноканд.

**2. Дарҷаи асоснок ва саҳеҳ будани натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Ҳадафи асосии таҳқиқот асосноккунии назариявии муқаррароти консептуалии истифодаи чораҳои ҳифзи бозори дохилӣ дар доираи СУС ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба мукаммалгардонии механизми ҳифзи бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иштирок дар низоми созишномаҳои бисёрҷонибаи тиҷоратӣ мебошад.

Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва истеҳсолие мебошанд, ки дар раванди ташаккул ва рушди бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити баланд бардоштани дараҷаи кушода будани иқтисод дар доираи СУС ба миён меоянд.

Асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро асарҳои олимони иқтисодчиёни ватанию хориҷӣ ташкил додаанд, ки қонуниятҳои ташаккул ва рушди бозори дохилиро ошкор намудаанд. Дар рафти таҳқиқот асарҳои олимон оид ба рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои солонаи Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи конференсияҳои илмӣ ва семинарҳо, Интернет-захираҳо, мушоҳидаҳои шахсии муаллиф ва ғайраҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Ҳалли вазифаҳои гузошташудаи назариявӣ, методӣ ва амалӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқоти диссертатсионии иҷрошуда сатҳи кофии дараҷаи илмиро дорост. Муқаррароти асосии диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳои илмию амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ ва маҷаллаҳои тақризшаванда дарҷ гардидаанд.

**3. Тавсифи умумии кори диссертатсионӣ.** Диссертатсияи Бобохонзода Раҷабалӣ Хайруло дар худ таҳқиқоти мустақилонаи масъала, гузориши мақсад ва вазифаҳои муайянро ифода менамояд. Сохтори диссертатсияи мазкур аз рӯйи таркиби худ мантиқан дуруст тартиб дода шудааст. Диссертатсия дар ҳаҷми 170 саҳифаи чопи компютерӣ навишта шуда, аз сарсухан, се боб ва хулоса иборат аст. Дар кори диссертатсионӣ 24 ҷадвал ва 8 расм ҷой дода шудааст. Руйхати

адабиёти истифодашуда 173 номгӯйро ташкил дода, дар рафти навиштани диссертатсия бо иқтибос инъикос карда шудаанд.

Дар бобби якум – **«Асосҳои назариявии ҳифзи бозори дохилӣ дар шароити узвият дар СУС»** таҳаввулоти равишҳои назариявии ҳимояи бозори дохилӣ дар шароити ширкат дар низоми созишномаҳои бисёрҷонибаи тиҷоратӣ таҳқиқ гардида, равишҳои консептуалии истифодаи чораҳои ҳифзи бозори дохилӣ дар шароити СУС ва истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд (саҳ.14-63).

Дар боби дуюм – **«Арзёбии вазъи муосир ва тамоюли рушди бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва механизми ҳифзи он»** асосҳои институтсионалии истифодаи чораҳои муҳофизатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ шуда, вазъи муосир ва тамоюлоти рушди бозори дохилӣ дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СУС таҳқиқ ва омилҳои муайянкунандаи рушди бозори дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шудаанд (саҳ. 64-97).

Дар боби сеюм – **«Самтҳои стратегии мукаммалгардонии механизми ҳифзи бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити узвият дар СУС»** арзёбии шохисҳо ва механизми ҳифзи бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароитҳои узвият дар СУС ба роҳ монда шуда, мукаммалгардонии механизми иқтисодии ҳифзи бозори дохилӣ дар шароити узвият дар СУС мавриди таҳқиқ қарор гирифта, самтҳои асосии ҳифзи бозори дохилӣ дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СУС муайян гардидаанд (саҳ.98-142).

Дар хулоса натиҷаҳои илмии бадастомада ва пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф нишон дода шудаанд (саҳ.143-147).

**4. Навгониҳои илмии диссертатсия.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз асосноксозии назариявии чораҳои консептуалӣ оид ба рушди бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коркарди тавсияҳои амалӣ доир ба мукаммалгардонии механизми ҳифзи бозори дохилӣ дар шароити аъзогӣ дар СУС иборат мебошад.

Ба ҳимоя натиҷаҳои зерини назариявию методологӣ, методӣ ва амалии диссертатсия, ки дорои навгониҳои илмӣ мебошанд, пешниҳод мешаванд:

1. Ҷанбаҳои назариявии механизми ҳифзи бозори дохилӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, моҳият ва аҳамияти протексионизм дар шароити ҷаҳонишавӣ аниқ карда шуда, муносибат нисбат ба шарҳи мафҳуми протексионизм ҳамчун чораи сиёсати савдои хориҷӣ, ки ҳифзи интихобӣ ва ё дастгирии соҳаҳои мухталифи иқтисоди мамлакатро пешбинӣ менамояд, таҳқиқ карда шуда, марҳилаҳои асосии рушди сиёсати протексионистӣ муайян карда шуда, зарурияти он барои мамлакатҳои

иқтисодашон дар давраи гузариш қарордошта то лаҳзаи мутобиқшавии иқтисоди онҳо ба рақобати устувор пешниҳод карда шудааст;

2. Чораҳои ҳифзи бозори дохилӣ ба низом дароварда шуда, муносибатҳои консептуалӣ оид ба истифодаи онҳо дар доираи СУС муайян гардида, механизми иқтисодии истифодаи чораҳои зиддидемпингӣ, ҷубронӣ ва чораҳои махсуси хифзи бозори дохилӣ дар шароити исботи таҳдиди зарари он ба рушди иқтисоди миллӣ коркард гардидааст;

3. Заминаҳои институтсионалии истифодаи чораҳои ҳифзи бозори дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шуда, тамоюли асосии рушди бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аниқ гардида, зарурияти ҳифзи молистеҳсолкунандагони ватанӣ дар шароити афзоиши воридот асоснок карда шудааст;

4. Вазъи бозори истеъмолӣ баҳогузорӣ карда шуда, мушкилоти рушди он ошкор гардида, ҳамчунин шартҳои истифодаи ҷораҳои муҳофизатӣ бо мақсади ҳифзи манфиатҳои субъектҳои бозори ватанӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити болоравии дараҷаи кушоди иқтисодиёт муайян карда шудаанд;

5. Механизми асоснок намудан ва истифодаи чораҳои ҳифзи бозори дохилӣ дар шароити аъзогӣ дар СУС дар асоси ҳисоб карда баромадани индекси афзалияти нисбии мамлакат дар савдои хориҷӣ коркард гардида, гурӯҳбандии секторҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи маҳакҳои рақобатпазирӣ пешниҳод гардидааст;

6. Самтҳои асосии мукаммалгардонии механизми ҳимояи бозори дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити аъзогӣ дар СУС бо асосноксозии дастгирии давлатии субъектҳои бозори дохилӣ, таҷрибаи хориҷии дастгирии давлатӣ ва роҳҳои истифодаи чораҳои муҳофизатӣ дар шароити узвият муайян карда шудаанд;

7. Тавсияҳои илмию амалӣ оид ба мукаммалгардонии сохтори бозори дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд, ки таҷдиди сохтори бозори дохилиро бо роҳи баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ, коркард ва татбиқи сиёсати ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, бо истифодаи чораҳои ғайритарифавӣ, ки ба қоидаҳои СУС мухолифат наменамояд, пешбинӣ гардидаанд.

**5. Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ.** Натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада, хулосаҳо ва тавсияҳои дар кор пешниҳодшуда метавонанд ҳангоми таҳия ва амалисозии барномаҳо, стратегияҳо ва консепсияҳои миёнамуҳлат ва дарозмуддати ҳамкории молиявию иқтисодӣ истифода шаванд. Илова бар ин, натиҷаҳои

диссертатсияро ҳамчун маводи таълимӣ дар раванди машғулиятҳо аз фанҳои «Иқтисоди ҷаҳон», «Иқтисоди миллӣ», «Иқтисоди корхонаҳо ва соҳаҳо», «Рушди устувори иқтисодӣ» ва ғайра метавон истифода бурд.

**6. Эродҳои умумӣ ва пешниҳодҳо оид ба диссертатсия.** Новобаста аз он ки ҷанбаҳои мусбати кори тақризшавандаро пурра зикр намудем, баъзе камбудиҳои алоҳидаи онро низ қайд кардан лозим аст:

1. Параграфи сеюми боби якум ба таҷрибаи хориҷии дастгирии давлатӣ ва ҳифзи бозори дохилӣ дар шароитҳои СУС ва истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар баробари ин, нуктае, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи кадом давлат бештар самаранок аст, аз тарафи муаллиф пурра таҳлил нашудааст.

2. Дар параграфи якуми боби сеюм арзёбии шохисҳо ва механизми ҳифзи бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароитҳои узвият дар СУС ба роҳ монда шудааст. Дар баробари шохисҳои ҳисобшуда агар муаллиф шохисҳои иловагиро аз қабили нишондиҳандаи «шарти савдо»-ро ҳисоб менамуд, сифати кор боз ҳам хубтар мегардид.

3. Дар диссертатсия дар сатҳи зарурӣ афзалиятҳо ва бохтҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми узвият ба СУС мавриди таҳлил қарор дода нашудаанд.

4. Дар боби сеюми диссертатсия «Дастгирии соҳаҳои эҳёшавандаи саноат дар марҳилаҳои гуногуни ташаккул ва амалкунии онҳо» ҳамчун самти муҳимми ҳифзи бозори дохилӣ дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СУС арзёбӣ мегардад. Мутаассифона, аз ҷониби муаллиф шарҳи соҳаҳои ҷавон оварда нашудааст.

5. Агар дар охири ҳар як боби диссертатсия хулосаҳои мухтасар оварда мешуд, ҷолибияти кор боз ҳам баланд мегардид.

6. Дар диссертатсия баъзан ғалатҳои имлоиву техникӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

Лозим ба таъкид аст, ки норасоиҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, дараҷаи илмии диссертатсияро паст намекунанд.

7. **Мувофиқати диссертатсия ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ.** Дар маҷмӯъ, бояд қайд намуд, ки кори диссертатсионии мазкур таҳқиқоти илмии мустақилонаи анҷомёфта мебошад, ки навоварии илмӣ ва аҳамияти амалиро дар худ таҷассум менамояд.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф моҳияти асосии кори диссертатсиониро фаро гирифта, натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчун дастоварди нави илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва чорабиниҳои илмии сатҳҳои гуногун ба чоп расонида шудаанд.

Ҳамин тавр, кори диссертатсионии тақризшаванда дар мавзӯи «Мукаммалгардонии механизми ҳифзи бозори дохилӣ дар шароити

узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС)» таҳқиқоти анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 8-и Низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ» мебошад.

Бо назардошти дастовардҳои зикршуда ва муҳиммияти мавзӯи интихобшуда муаллифи диссертатсия Бобохонзода Раҷабалӣ Хайрулло ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.14 – Иқтисоди ҷаҳон сазовор аст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

**Раиси ҷаласа,**
Мудири кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии ДДМИТ, н.и.и., дотсент Буриева М.Ч.

**Котиби ҷаласа,**
муаллими калони кафедра кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии ДДМИТ Якубова К.Г.

**Тақризро омода намуд,**
н.и.и., дотсенти кафедраи муносибатҳои молиявӣ- қарзии байналхалқии ДДМИТ Усмонов П.Н.

**Суроға:**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ДДМИТ), 734067, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.Тел.: (992)231-08-43, Факс: (992)227-30-75.
Сомонаи интернетӣ ва почтаи электронии расмӣ:www.tgfeu.tj, tgfeu@tgfeu.tj.

Имзои Буриева М.Ч., Якубова К.Г. ва Усмонов П.Н. – ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДМИТ Раҷабов Б.С.